# ШУЪБАИ ИТТИЛООТ, МАШВАРАТ ВА ТАДБИҚИ ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ

## Ҳ А Й А Т И   КОРМАНДОНИ  Ш У Ъ Б А



Маҷид Салим
**мудири шуъба, н.и.к**



Раҷабова Умеда
**ходими хурди илмӣ**



Иброгимов Ҷавоҳиршо
**муҳандис Барномасоз**



Ҳалимова Таманно
**ходими хурди илмӣ**

### АЗ ТАЪРИХИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ, МАШВАРАТ ВА ТАДБИҚИ ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ

Шуъбаи илмӣ-техникӣ ва иттилоотӣ баробари ташкил шудани Институти чорводорӣ ҳанӯз дар соли 1930 ташкил карда шудааст. Аз ҳамон давра шурӯъ гардида,ба шуъба беҳтарин мутахассисон ҷалб шудаанд. Ва дар ин самт,яъне корҳо доир ба рӯйхат гирифтани шумораи кормандони илмӣ, номзадҳо ва докторони илмӣ, тайёр намудани аспирантон ва унвонҷӯён, ҷамъ овардан ва барои чоп омода намудани китобу мақолаҳо ва дастовардҳои илмии олимони Институт, инчунин омода намудани маводҳои чопию тақсимотӣ барои гузаронидани конференсияҳои илмию амалии минтақавӣ, ҷумҳуриявй, байналмилалӣ, семинару мизҳои мудаввар, ташкил намудани чашну маросимхои идона ва ғайраҳоро дар бар мегирифт, фаъолият дошт. Саҳми олимону мутахассисони шуъба дар баргузории чорабиниҳои илмӣ, гирд овардани маводҳои нашршудаи олимони Институт, омода намудани ҳисоботҳои даврӣ оид ба рафти таҳқиқотҳои илмӣ вобаста ба мавзӯъҳои фармоишии Институт хеле арзанда ва назаррас мебошад.

Тайи ин солҳо пайваста чорабиниҳои фарҳангӣ-илмӣ-оммавӣ доир мегардад,ки маҳз бо иқдоми мутахасссисони шуъба амалӣ мегарданд.

Дар шуъба ҳар се моҳ маҷаллаи илмӣ – амалии “ Чорводорӣ” аз чоп мебарояд. Маҷалла бо мақолаҳои илмӣ мураттаб шуда, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ интишшор мегардад. Кормандони шуъба маҷалларо таҳия ва омода менамоянд.





## АЗ ФАЪОЛИЯТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА







## М А Ҷ А Л Л А   В А   А Д А Б И Ё Т Ҳ О И   И Л М Ӣ
















### ДАСТОВАРДҲОИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ,МАШВАРАТ ВА ТАДБИҚИ ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ

Кормандони шуъба доир ба ҷашнҳои миллии ниёгонамон амсоли ҷашни Сада,Меҳргон, Наврӯз ва Тиргон мақола ва китобчаҳои алоҳида бо номҳои зебои тоҷикии “Сада-ёдгории ниёгон”, “Меҳргон-ва ҷашни бостон”, “Наврӯз- иди дилафрӯз” ва “Тиргон- ҷашни бостон” бо теъдоди муайян аз чоп баровардаанд. Кормандони шуъба дар таҳия,тарҷума ва баррасии китобу гузориш ва навидҳои илмӣ нақши арзанда доранд. Дар маркази Шуъбаи иттилоот, машварат ва тадбиқи дастовардҳои илмӣ толори кампютерӣ амал мекунад,ки дар он тамоми маводҳои илмии кормандони институт мавриди тарҳрезӣ қарор гирифта барои маҷаллаи “Чорводорӣ” таҳия мешаванд.

Мудирии Шуъбаи иттилоот, машварат ва тадбиқи дастовардҳои илмиро номзади илмҳои филология Маҷид Салим ба ӯҳда дошта, мутахассисони шуъба Ҷавоҳир Иброҳимов, Умеда Раҷабова ҷамъоварӣ ва коркарду пешниҳоди мақолаҳоро ба маҷаллаи “Чорводорӣ” ба анҷом мерасонанд. Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, бо муҳарририи Маҷид Салим китоби “30-соли Истиқлолият ва Дастовардҳои Институт” ба нашр расида,ҳамзамон зиёда аз 14 мақолаи кормандони шуъба дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд.

Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва равобити илмӣ ва зистшиносӣ китобҳои муҳаққиқ Маҷид Салим перомуни “Тоҷикистон –диёри обҳои зулол”, “Қиссаи обҳои ширин”, “Дар ҳифзи табиат”, “Вазъи экологииии диёр”, “Дар оғуши Бешаи палангон” аз тариқи нашриётҳои бонуфузи, “Адиб” ва “Ирфон” аз нашр баромада, дастраси хонанда гардиданд.

Кормандони шуъбаи иттилоот,машварат ва дастоварҳои илмӣ тасмим гирифтаанд,ки ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти Давлатии Тоҷикистон , ба корҳои ҳамаррӯзаи худ ривоҷи тоза бахшида,ҷашни миллиро бо дастоварҳои арзанда истиқбол гиранд.